# 5.5 / 5.1 ПРАВО
# 5.5 / 5.1 ҲУҚУҚ
# 5.5 / 5.1 LAW

## 5.5.1 НАЗАРИЯ ВА ТАЪРИХИ ҲУҚУҚ ВА ДАВЛАТ; ТАЪРИХИ ТАЪЛИМОТ ДАР БОРАИ ҲУҚУҚ ВА ДАВЛАТ
## 5.5.1 ТЕОРИЯ И ИСТОРИЯ ПРАВА И ГОСУДАРСТВА; ИСТОРИЯ УЧЕНИЙ О ПРАВЕ И ГОСУДАРСТВЕ
## 5.5.1 THEORY AND HISTORY OF LAW AND THE STATE; HISTORY OF DOCTRINES ON LAW AND THE STATE

## 5.1.1 ТЕОРЕТИКО-ИСТОРИЧЕСКИЕ ПРАВОВЫЕ НАУКИ
## 5.1.1 ИЛМҲОИ НАЗАРИЯВӢ-ТАЪРИХИИ ҲУҚУҚӢ
## 5.1.1 THEORETICO-HISTORICAL-JURIDICAL SCIENCES

***УДК 340.5***
***DOI 10.24412/3005-8023-2026-2-5-15***

***МУНОСИБАТИ ДОКТРИНАЛӢ ОИД БА ТАСНИФИ НИЗОМҲОИ ҲУКУҚИИ МУОСИР***

***Воситов Ҳамзаалӣ Абдувохҳитович,*** *н.и.ҳ., дотсенти Мактаби олии назарияи ҳуқуқ ва ҳуқуқи хусусии МТДФБ ТО «Донишгоҳи давлатии уқёнуси Ором» (Хабаровск, Русия)*

***ДОКТРИНАЛЬНЫЙ ПОДХОД К КЛАССИФИКАЦИИ ПРАВОВЫХ СИСТЕМ СОВРЕМЕННОСТИ***

***Воситов Хамзаали Абдувохитович,*** *канд. юрид. наук, доцент Высшей школы теории права и частного права ФГБОУ ВО «Тихоокеанский государственный университет» (Хабаровск, Россия)*

***DOCTRINAL APPROACH TO THE CLASSIFICATION OF MODERN LEGAL SYSTEMS***

***Vositov Khamzaali Abduvokhitovich,*** *candidate in Law, associate professor of the higher school of theory of law and civil law of the Federal State Budgetary Educational Institution of Higher Education "Pacific State University" (Khabarovsk, Russia)* ***e-mail:*** *khamzaali0071@mail.ru*

*Мафҳумҳои асосии ҳуқуқшиносии муқоисавӣ, яъне низоми ҳуқуқӣ ва оилаи ҳуқуқӣ баррасӣ шудааст. Дар он мафҳум, хусусиятҳо, сохтор ва муносибатҳо ба таснифи низомҳои ҳуқуқӣ пешниҳод карда шудаанд. Муносибати доктриналӣ ба таснифи низомҳои ҳуқуқӣ боиси ҷудо кардани намудҳои муайяни намудҳои гуногуни оилаҳои ҳуқуқӣ мегардад. Олимони хориҷӣ ва рус мавқеъҳои муҳимтаринро пешниҳод кардаанд, ки на танҳо такя ба омилҳои техникӣ-ҳуқуқӣ, балки бо омилҳои мушаххаси таърихӣ, ҷуғрофӣ, маънавӣ, сиёсӣ ва ғайра асоснок карда шудаанд. Сабаби асосии тафриқа дар муносибат ба меъёрҳои тасниф дар он аст, ки ба таърихи ташаккули сарчашмаҳои ҳуқуқ, сохтори низомҳои ҳуқуқӣ, сатҳи шуури ҳуқуқӣ, мақоми меъёрҳои динӣ ва ахлоқӣ, вазъи иқтисодиву иҷтимоии ҷомеа ва омилҳои дигар таваҷҷуҳи махсус ва аввалиндараҷа дода мешавад. Таъкид шудааст, ки дар замони муосир дар аксарияти давлатҳо дар соҳаи компаративистика ҳам ба омӯзиш ва ҳам ба таснифи низомҳои ҳуқуқии муосир аҳаммияти махсус дода мешавад. Ҳадафи асосии таҳқиқот муайян кардани қонуниятҳои ташаккули низомҳои ҳуқуқӣ, роҳҳои паҳншавии онҳо ва такмили қонунгузории миллӣ мебошад. Зарурати омӯзиши низомҳои ҳуқуқии муосир дар он аст, ки он на танҳо барои ошкор сохтани мушкилоти нав, аз қабили фаҳмиши ҳуқуқӣ, ҳуқуқэҷодкунӣ ва ҳуқуқтатбиқкунӣ, балки ҳамчунин барои муайян кардани ҳамаҷониба ва пурраи масъалаҳои ҳуқуқии марбут ба*

*урфу одат, анъана, хусусиятҳои фарҳангиву миллӣ ва меъёрҳои динии давлати ҷудогонаи харитаи ҳуқуқии ҷаҳон нигаронида шудааст.*

**Калидвожаҳо:** *компаративистика; низоми ҳуқуқӣ; оилаи ҳуқуқӣ; таснифоти низомҳои ҳуқуқӣ; услуби ҳуқуқӣ; сарчашмаҳои ҳуқуқ; низоми ҳуқуқии романо-олмонӣ; фарҳанги ҳуқуқӣ; анъана; меъёрҳои динӣ*

*Исследованы основные объекты науки сравнительного правоведения: правовая система и правовая семья. Раскрываются понятие, особенности, структура и подходы к классификации правовых систем. Доктринальный подход к классификации правовых систем приводит к выделению определённых видов правовых семей. Зарубежными и российскими учёными представлены наиболее важные позиции, основанные не только на юридико-технических, но и на конкретно-исторических, географических, духовных, политических и других факторах. Основная причина различий в подходах к критериям классификации заключается в первостепенном внимании, уделяемом истории формирования источников права, структуре правовых систем, уровню правового сознания, положению религиозно-нравственных норм, экономическому и социальному положению общества и другим факторам. Утверждается, что в современный период в большинстве стран мира придаётся важное значение области компаративистики, как и изучению и классификации современных правовых систем. Целью таких исследований является, прежде всего, выявление закономерностей формирования правовых систем, путей их распространения и совершенствование национального законодательства. Необходимость изучения правовых систем современности заключается в том, что оно направлено не только на выявление новых проблем, таких как правопонимание, правотворчество и правоприменительная практика, но и на всестороннее и полное раскрытие правовых вопросов, связанных с обычаями, традициями, культурно-национальными особенностями и религиозными нормами отдельного государства в правовой карте мира.*

**Ключевые слова:** *компаративистика; правовая система; правовая семья; классификация правовых систем; правовой стиль; источники права; романо-германская система права; правовая культура; традиции; религиозные нормы*

*The article examines the main objects of comparative law: the legal system and the legal family. It explores the concept, characteristics, structure, and approaches to classifying legal systems. The doctrinal approach to classifying legal systems leads to the identification of certain types of legal families. Foreign and Russian scholars have presented the most important positions, based not only on legal and technical factors, but also on specific historical, geographical, spiritual, political, and other factors. The main reason for the differences in approaches to classification criteria lies in the primary emphasis placed on the history of the formation of legal sources, the structure of legal systems, the level of legal consciousness, the status of religious and moral norms, the economic and social status of society, and other factors. It is argued that in the modern period, most countries around the world attach great importance to the field of comparative law, as well as to the study and classification of modern legal systems. The purpose of such research is, first of all, to identify patterns of formation of legal systems, ways of their dissemination and improvement of national legislation. The need to study modern legal systems lies in the fact that it is aimed not only at identifying new problems, such as legal understanding, lawmaking and law enforcement practice, but also at a comprehensive and complete disclosure of legal issues related to customs, traditions, cultural and national characteristics and religious norms of an individual state in the legal map of the world.*

**Key-words:** *comparative studies; legal system; legal family; classification of legal systems; legal*

*style; sources of law; romano-hermannic legal system; legal culture; traditions; religious norms*

Ҳар як давлати муосир дар харитаи сиёсии ҷаҳон дорои ҳуқуқи хеш аст. Бо таъсири он дар ҳудуди давлатҳои мухталиф анъанаву арзишҳои ҳуқуқӣ, усулҳои танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ, қоидаҳои техникаи ҳуқуқӣ, нақши сарчашмаҳои ҷудогонаи ҳуқуқ, тарзи таснифи соҳаҳои ҳуқуқ, амалиёти ҳуқуқӣ, шуури ҳуқуқии аҳолӣ ташаккул меёбанд. Дар асоси ин омилҳо низоми ҳуқуқии миллӣ дар қаламрави давлатҳои мухталиф инкишоф меёбад. Аз ҳамин лиҳоз дар шароити имрӯза шумораи низоми ҳуқуқии миллӣ қариб ба дусад мерасад (чунончӣ, низомҳои ҳуқуқии миллии Федератсияи Русия, ИМА, Британияи кабир, Фаронса, Ҷопон, Казоқистон, Тоҷикистон ва монанди онҳо).

Дар оғози асри XXI таҳқиқоти муқоисавӣ-ҳуқуқӣ дар саросари ҷаҳон рушди назаррасеро аз сар мегузаронад. Ҳадафи он равшан кардани қонунҳои рушд дар низомҳои ҳуқуқии муосир ва такмили қонунгузории миллӣ мебошад. Аҳаммияти таҳқиқоти мазкур дар он аст, ки он на танҳо ба ҳалли бисёр масъалаҳои анъанавии илми ҳуқуқшиносӣ равиши васеътарро фароҳам меоварад, балки як қатор падидаҳои (зуҳуротҳои) ҳуқуқӣ, ба монанди: низоми қонунгузорӣ, муассисаҳои ҳуқуқӣ, таҷрибаи ҳуқуқтатбиққунӣ, механизми танзими ҳуқуқӣ, фарҳанги ҳуқуқӣ ва дигарҳо мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Умуман, омӯзиши муқоисавии низомҳои ҳуқуқӣ боиси пайдоиши илми мустақил ва фанни таълимии ҳуқуқшиносии муқоисавӣ гардидааст, ки беш аз пеш эътироф пайдо карда истодааст.

Бо ҳамин замина дар замони муосир илми компаративистикаи ҳуқуқӣ мақоми худро пайдо кардааст, ки объекти асосии омӯзиши он низоми ҳуқуқӣ ва оилаи ҳуқуқӣ мебошад. Масъалаи (Муаммои) асосӣ дар он аст, ки зери мафҳуми низоми ҳуқуқӣ мо чиро бояд муайян кунем ва кадом ҷабҳаҳои ҳуқуқии онро нишон диҳем, мавриди таҳлил қарор дода мешавад.

Аз ҳамин сабаб давлатҳои гуногун барои омӯзиши низоми ҳуқуқӣ муносибати афзалиятноки худро доранд: дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико – таҷрибаи судӣ (судебная практика), дар Фаронса – муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, дар Олмон – фалсафавӣ [14, с. 109]. ИМА бисёртар ба амсоли судӣ (претсенденти судӣ) ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқ такя мекунад, яъне қарорҳои дар гузашта қабулкардаи Суди Олӣ, ки минбаъд ҳамчун намуна дар ҳалли парвандаҳои алоҳидаи шабеҳ истифода бурда мешавад. «Моҳияти амсоли судӣ аз он иборат аст, ки ба ҳукми суд аз рӯи парвандаи мушаххас характери меъёрӣ (қоидаи рафтори умумиҳатмӣ) дода мешавад» [18, с. 319]. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки таҷрибаи ҳуқуқӣ нисбат ба ҳолати абстрактии меъёрҳои ҳуқуқ бартарӣ пайдо мекунад. Чи тавре ки зикр гардид, Фаронса ватани илми ҳуқуқшиносии муқоисавӣ мебошад. Маҳз соли 1869 дар шаҳри Париж Ташкилоти фаронсавии қонунгузории муқоисавӣ таъсис гардида ва соли 1900 – соли баргузории аввалин Конгресси байналмилалии ҳуқуқи муқоисавӣ ба ҳисоб меравад [2, с. 39-40]. Хусусияти фалсафавии низоми ҳуқуқӣ дар Олмон дар ҷанбаҳои гуногун, аз ҷумла таъсири таълимотҳои фалсафавӣ, ташаккулёбии ғояи волоияти қонун, рушди назарияи ҳуқуқи гражданӣ, фарҳанги ҳуқуқӣ ва хусусиятҳои хоси қонунгузорӣ зоҳир мешавад.

Дар таҳқиқоти олимони ҳуқуқшинос оид ба мафҳум ва таснифи низоми ҳуқуқӣ консепсияю ақоиди мухталиф пешниҳод шудаанд. Ю. А. Тихомиров дар китоби «Курси ҳуқуқшиносии муқоисавӣ» мундариҷаи ин категорияро чунин муайян мекунад: «Низоми ҳуқуқии давлати ҷудогона маҷмуи меъёрии сохтори ҳуқуқӣ мебошад, ки дар асоси принсипҳои умумӣ ташаккул ёфта амал мекунад» Ба гуфти Ю. А. Тихомиров, унсурҳое, ки низоми ҳуқуқиро ташкил медиҳанд, инҳоянд: «1) ҳадафҳои ҳуқуқ; 2) сохтори принсипи ҳуқуқ; 3) тартиби ҳуқуқэҷодкунӣ; 4) қонунҳо; 5) санадҳои зериқонунӣ, 6) санадҳои мақомоти худидоракунии маҳаллӣ; 7) робита ва муносибатҳои байналмилалӣ-ҳуқуқии тасдиқшуда [16, с. 45]. Тафовути афкори олими рус аз олимони дигар дар он аст, ки ӯ унсурҳои нави низоми ҳуқуқӣ ба монанди, санадҳои ҳуқуқии худидоракунии маҳаллӣ ва ҳуқуқи байналмилалиро дохил намуда маҳз ин унсурҳои ҳуқуқиро васеъ шарҳ медиҳад.

А. Х. Саидов бар он ақида аст, ки «фаҳмиши ҳуқуқӣ», «ҳуқуқэҷодкунӣ» ва «ҳуқуқтатбиққунӣ» категорияҳои калидии мафҳуми асосии низоми ҳуқуқӣ мебошанд. Аз ин рӯ, омӯзиши низоми ҳуқуқӣ бояд, аввалан низоми назарияҳо, ғояҳо, консепсияҳо, яъне фаҳмиши ҳуқуқиро дар давраи муайяни таърихӣ; дуюм, таҳлили заминаи меъёрӣ, сохтори он; сеюм, низоми татбиқи қонунгузориро фаро гирад [14, с. 117].

Дарки васеътари низоми ҳуқуқӣ дар асари С. С. Алексеев дида мешавад. Муаллиф унсурҳои зеринро муайян мекунад: 1) бевосита ҳуқуқи объективӣ (позитивӣ); 2) амалияи ҳуқуқӣ (таҷрибаи судӣ); 3) идеологияи ҳуқуқӣ [1, с. 29]. Профессор Г. И. Муромсев низ ҳамин мавқеъро дастгирӣ намуда, низоми ҳуқуқиро ҳамчун «категорияи илмӣ, ки инъикоси бисёрҷанбаи воқеияти ҳуқуқии давлати мушаххасро вобаста ба сатҳи идеологӣ, меъёрӣ, институтсионалӣ ва сотсиологии он пешбинӣ гардидааст муайян мекунад» [10, с. 282]. Ба ақидаи Г. И. Муромсев низоми ҳуқуқӣ унсурҳои гуногуни ба ҳамдигар алоқамандро дар худ инъикос мекунад: 1) доктриналӣ-фалсафӣ (фаҳмиши ҳуқуқӣ, мафҳум, моҳият, категорияи ҳуқуқ ва ғ.); 2) меъёрӣ, яъне маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқие, ки дар ҷомеа амал мекунанд; 3) институтсионалӣ, муассисаҳои ҳуқуқие, ки бо ҳуқуқэҷодкунӣ ва ҳуқуқтатбиққунӣ машғуланд; 4) сотсиологӣ, яъне муносибатҳои ҳуқуқӣ, татбиқшавии ҳуқуқ ва амалишавии ҳуқуқ дар ҷамъият.

Ба андешаи муаллифи китоби дарсӣ оид ба назарияи давлат ва ҳуқуқ, «низоми ҳуқуқӣ ин маҷмуи мушаххаси таърихии ҳуқуқ (низоми қонунгузорӣ), амалияи ҳуқуқӣ ва идеологияи ҳуқуқии бартаридошта дар давлати ҷудогона мебошад» [7, с. 119]. Дар ҳақиқат ҳам бояд қайд намуд, ки таърихи ташаккулёбии сарчашмаҳои ҳуқуқ дар ҳар як (дар низоми ҳуқуқии) давлати мушаххас пеш аз ҳама на танҳо аз низоми қонунгузорӣ, балки аз омилҳои фарҳангиву ҳуқуқӣ, сиёсиву иқтисодӣ вобаста аст, ки роҳҳои инкишофи худро дар як сатҳи ягона аз сар нагузаронидаанд.

Дар илми ҳуқуқшиносии шуравӣ мафҳуми низоми ҳуқуқӣ чунин омадааст: «Низоми ҳуқуқӣ – маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқӣ, принсипҳо, институтҳо (ҷанбаи меъёрии низомҳо), маҷмуи ҳуқуқии муассисаҳо (унсури ташкилӣ) ва маҷмуи ақидаҳо, ғояҳо, мафҳумҳо, арзишҳо ва принсипҳои ҳуқуқие, (ценностей и принципы права), ки ба ҷомеаи мушаххас (унсури идеологӣ) хос мебошад» [11, с. 39].

Низоми ҳуқуқӣ ҳамчун категорияи инъикоскунандаи тамоми падидаҳои ҳуқуқӣ ва воқеияти ҳуқуқии дар ҷамъият мавҷуда фарқ мекунад нишон дода мешавад. Ин мавқеъро дар асарҳои Н. И. Матузов мушоҳида кардан мумкин аст, ки ба ақидаи ӯ «низоми ҳуқуқӣ тамоми механизми ҳуқуқӣ, фаъолияти ҳуқуқии мақомоти давлатӣ ва таносуби он бо ҷамъиятро дар бар мегирад, ки дар шаклҳои гуногун баён мегардад пешбини мегардад» [9, с. 18-19].

Чи тавре ки мебинем категорияи «низом»-ро муаллифон ҳамчун ҷузъи томе, ки аз таркибҳои гуногуни ба ҳамдигар алоқаманд иборатанд, муайян намуда дар асарҳои худ истифода мебаранд. Ин ба муҳаққиқон имкон медиҳад, ки низоми ҳуқуқиро ҳамчун як маҷмуи томи падидаҳои ҳуқуқӣ (низоми ҳуқуқи позитивӣ, низоми сарчашмаҳои ҳуқуқ, низоми анъанаҳои ҳуқуқӣ ва ғ.) ҳисобида, номгузорӣ намоянд.

Низоми ҳуқуқӣ ҳамчун объекти ҳуқуқшиносии муқоисавӣ аксар вақт таваҷҷуҳи компаративистонро ба худ ҷалб мекунад. Дар ин маврид сухан оид ба алоқамандии сарчашмаҳои ҳуқуқӣ, низоми қонунгузорӣ, предмет ва доираи танзими соҳаҳои алоҳидаи ҳуқуқ, амалишавии меъёрҳои ҳуқуқӣ ва ҳамчунин эътирофи анъанаҳои ҳуқуқӣ меравад. Дар ин ҷода нақши воқеии ҳуқуқ ва маҳдудиятҳои танзими қонунгузорӣ муқаррар карда мешаванд. Он муайян мекунад, ки оё муносибати байни санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бо фарҳангу анъанаҳо, меъёрҳои одатӣ ва догмаҳои динӣ дар кадом сатҳ мебошад (дар кадом меъёри алоқаманди қарор доранд), зеро падидаҳои номбурда дар давлатҳои ҷудогона хеле гуногун ба роҳ монда мешавад. Ин пеш аз ҳама аз сатҳи шуурнокӣ, яъне мафкураи

ҳуқуқии ҷомеа ва роҳҳои амалишавии меъёрҳои ҳуқуқ вобастагӣ дорад.

Ҳамчунин ҳуқуқшиносон маҷмуи низомҳои ҳуқуқии миллиро, ки хусусиятҳои ба ҳам монанд доранд, дар гурӯҳҳои алоҳида – оилаҳои ҳуқуқӣ муттаҳид мекунанд. Оилаи ҳуқуқӣ низ яке аз объектҳои асосии илми ҳуқуқшиносии муқоисавӣ ба ҳисоб рафта, таҳкурсии асосии ин илми ҳуқуқиро ташкил медиҳад. Аммо олимони ҳуқуқшинос истилоҳҳои гуногунро мавриди истифода қарор медиҳанд. Масалан, Р. Давид истилоҳи «оилаи низомҳои ҳуқуқӣ», К. Х. Эберт ва М. Рейнстайн – «доираи ҳуқуқӣ», И. Сабо – «шакли низомҳои ҳуқуқӣ», С. С Алексеев – «умумияти таркибӣ», К. Свайгерт ва Х. Кётс «услуби ҳуқуқӣ»-ро истифода бурдаанд. Истилоҳи аз ҳама паҳнгардида дар компаративистикаи муосир «оилаи ҳуқуқӣ»мебошад, бинобар ин дар мақолаи ҳозир мо низ ин истилоҳро истифода мебарем.

К. Свайгерт ва Х. Кётс оилаи ҳуқуқиро ҳамчун «услуби ҳуқуқӣ» баён намуда (муайян намуда), он «аз гурӯҳи низомҳои ҳуқуқие иборатанд, ки дар таркиби худ институтҳои ҳуқуқӣ, табиати сарчашмаҳои ҳуқуқ, роҳҳои маънидодкунии онҳо ва ҳолати идеологии ҷомеаро доранд (инъикос мекунад) фаҳмида мешавад» [19, с. 99].

Ба ақидаи олимони ватанӣ С. Ҳ. Ҳасанов ва М. С. Ҳасанов «оилаи ҳуқуқӣ ин ба гурӯҳҳо ҷудо кардани низомҳои ҳуқуқии як қатор давлатҳое мебошанд, ки аз ҷиҳати умумияти пайдошавӣ ва таҳаввулоти ҳуқуқ, монандии манбаъҳои ҳуқуқӣ, услуби ҳуқуқӣ, маърифати ҳуқуқӣ, шуури ҳуқуқӣ ва дигар институтҳои ҳуқуқӣ муттаҳидшаванда мебошанд» [18, с. 254].

А. Х. Саидов ба истилоҳи «оилаи ҳуқуқӣ» таърифи зерин додааст: «Оилаи ҳуқуқӣ ҳамчун маҷмуи низомҳои ҳуқуқии миллӣ, ки бо ташаккули ягонаи таърихӣ, сохтори сарчашмаҳои ҳуқуқӣ, институтҳо ва соҳаҳои ҳуқуқ, роҳҳои татбиқнамоии ҳуқуқ, мафҳумҳо, категорияҳо ва истилоҳотҳои илми ҳуқуқшиносӣ муттаҳид шудаанд, фаҳмида мешавад» [14, с. 112].

Ҳамин тавр таърифҳо хеле зиёданд, лекин категорияи «оилаи ҳуқуқӣ» аз монандии рушди таърихии низомҳои ҳуқуқӣ, ба монанди сохтори таркибии ҳуқуқ, сарчашмаҳои ҳуқуқӣ, институтҳо ва соҳаҳои ҳуқуқӣ, фарҳанги ҳуқуқӣ, анъанаҳо ва ғайра ба вуҷуд меояд. Ҳамчунин дар натиҷаи омӯзиши низоми ҳуқуқии давлатҳои хориҷӣ нақши оилаи ҳуқуқӣ хеле муҳим мебошад, аммо он маълумоти аниқи математикиро ба мо намедиҳад, зеро ки як қатор низоми ҳуқуқии миллӣ бо нишонҳои худ дар як вақт ба ду, ё ҳатто ба се оилаи ҳуқуқӣ дохил мешавад. Маҳз бо ҳамин замина Р. Давид дар рисолаи «Низомҳои ҳуқуқии асосии муосир» қайд кардааст, ки «мафҳуми оилаи ҳуқуқӣ ба ягон воқеияти биологӣ мувофиқат намекунад, он танҳо бо мақсади дидактикӣ, барои муайян кардани алоқамандӣ ва тафовути низомҳои ҳуқуқии амалкунанда истифода мешавад» [5, с. 40]. Аз ин ҷо бармеояд, ки ба ҳам муттаҳид намудани низомҳои ҳуқуқии давлатҳои ҷудогона бо якчанд нишонаҳои муайян, ки ба ҳамдигар алоқаманди доранд оилаи ҳуқуқиро дар илми компаративистика ба вуҷуд меоранд. Таълимот дар бораи оилаҳои ҳуқуқӣ маҳз меъёри асоси оид ба таснифоти низомҳои ҳуқуқии муосир ба шумор меравад.

Муаммои таснифоти низомҳои ҳуқуқӣ ба гурӯҳҳо ё оилаҳои муайян яке аз масъалаҳои асосии илми ҳуқуқшиносии муқоисавӣ мебошад, ки муддати тӯлони таваҷҷӯҳи компаративистони саросари ҷаҳонро ба худ ҷалб кардааст. Бо ҳамин замина масъалаи таснифоти низомҳои ҳуқуқӣ ба мадди аввал гузошта мешавад – ба ибораи дигар, таълимот доир ба оилаҳои ҳуқуқӣ, ки ба суханҳои компаративисти машҳури фаронсавӣ И. Зайтай, «ин риштаи (воситаи) раҳнамо дар роҳи пурпечутоб ва анбӯҳи низомҳои ҳуқуқӣ, ки гуногунрангии онҳо мушоҳида карда мешавад, ҷабҳаҳои мусбӣ дорад, ба назар мерасад» [6, с. 83].

Дар ҷустуҷӯи ҳамаҷонибаи таснифоти низомҳои ҳуқуқии асосӣ ҳуқуқшинос-компаративистон омилҳои гуногунро ба асос гирифтаанд, ҳамчунин аз омилҳои ахлоқӣ, нажодӣ, ҷуғрофӣ, динӣ оғоз карда то техникаи ҳуқуқӣ ва услуби ҳуқуқӣ омада расидаанд.

Ҳамчун тасдиқ дар асари олими фаронсавӣ Р. Давид чунин омадааст: «низомҳои ҳуқуқиро ба якчанд намуд гурӯҳбанди кардан мумкин аст, аммо дар борои он ки чи гуна ин гурӯҳбанди ба анҷом дода шавад ва кадом «оилаи ҳуқуқӣ»-ро мо дар ниҳоят эътироф хоҳем кард, ақидаи ягона мавҷуд нест. Як қисми олимон мекӯшанд, ки таснифотро дар асоси сохторҳои мафҳумии низомҳои ҳуқуқӣ ё иерархияи сарчашмаҳои гуногуни ҳуқуқ тасниф кунанд. Дигарон бар он ақидаанд, ки таснифотро наметавон танҳо дар асоси хусусиятҳои техникаи ҳуқуқӣ анҷом дод, балки тавассути ҳуқуқ бо такя ба низоми иҷтимоиву фарҳангӣ бунёд намудани ҷамъияти муайян мувофиқи мақсад аст» [5, с. 39-40].

Бо ҳамин замина аз ҷиҳати илмӣ яке аз муҳимтарин таснифоти низомҳои ҳуқуқӣ аз ҷониби Р. Давид пешбини гардида ӯ ақидаи се ченакиро пешниҳод намудааст – ҷудо намудани се оилаҳои ҳуқуқӣ (романо-олмонӣ, оилаи ҳуқуқи умумӣ ва ҳуқуқи сотсиалистӣ), ки ба онҳо боқимондаи як қисми дигари олами ҳуқуқиро, ки аз чор панҷ ҳиссаи сайёраи кураи заминро бо номи «низомҳои ҳуқуқии динӣ ва анъанавӣ» (ҳуқуқи мусулмонӣ, ҳуқуқи ҳиндуӣ, низоми ҳуқуқии Шарқи Дур ва ҳуқуқи одатии Африқо) иҳота мекунад, дохил намудааст. Ба асоси таснифоти он ду ченак (меъёр) гузошта шудааст: идеологӣ (ба ин ҷо Р. Давид далелҳои динӣ ва фалсафавиро дохил мекунад) ва ченаки техникаи ҳуқуқӣ (дар ин ҷо восита, тарз ва усулҳои мураттабсозии санадҳои ҳуқуқӣ истифода мешаванд), дар баробари ин ҳар дуи ин ченак набояд дар алоҳидагӣ, балки дар якҷоягӣ татбиқ карда шаванд [5, с. 40-41]. Таснифоти Р. Давид дар илми ҳуқуқшиносӣ имрӯзҳо низ аҳамияти назариявӣ-ҳуқуқӣ ва таҷрибавиро дорад, зеро ки консепсияи пешниҳодгардида пеш аз ҳама аломатҳои милливу таърихӣ ва услубиву ҳуқуқии давлатҳои ҷудогонаро инъикос менамояд.

Ҳамчунин А. Леви-Улман таснифоти низоми ҳуқуқиро дар асоси қувваи ҳуқуқии намудаҳои гуногуни сарчашмаҳои ҳуқуқ пешниҳод кардааст. А. Леви-Улман бар он ақида буд, ки нақши сарчашмаҳои ҳуқуқ яке аз муҳимтарин ҷузъҳои таркибии низоми ҳуқуқӣ буда барои муайян кардани гурӯҳҳои алоҳида (оилаҳои ҳуқуқӣ) истифода бурда мешавад. Олим бар он ақида буд, ки сарчашмаҳои ҳуқуқ хусусиятҳои гуногуни низомҳои ҳуқуқиро ба таври возеҳ ифода намуда принсипҳои асосии ҳуқуқ ва роҳҳои амалишавии онҳоро муайян мекунад. Дар асоси нақши сарчашмаҳои ҳуқуқ дар низоми ҳуқуқӣ, ӯ оилаҳои ҳуқуқии континентали-аврупоӣ, англо-амрикоӣ ва мусулмониро муайян кардааст [12, с. 136].

Таснифоти дигари васеъ паҳншудаи низомҳои ҳуқуқӣ таснифоти К. Свайгерт ва Х. Кётс мебошад, ки бо асоси меъёри «услуби ҳуқуқӣ» таҳия шудааст. Моҳияти ин таснифот дар он аст, ки тартиботи алоҳидаи ҳуқуқӣ ва гурӯҳҳои пурраи тартиботи ҳуқуқӣ дорои услуби хоси худ мебошанд. Аз ин рӯ ҳангоми муқоисаи тартиботи ҳуқуқӣ, бояд кушиш кард, ки ин услуби ҳуқуқиро муайян карда онҳоро ба низомҳои ҳуқуқӣ гурӯҳбанди кард. Ба ақидаи муҳаққиқон услуби ҳуқуқӣ аз панҷ омил ташаккул меёбад: а) пайдоиш ва таҳаввулоти низомҳои ҳуқуқӣ; б) моҳияти дарки ҳуқуқӣ; в) хусусиятнокии институтҳои ҳуқуқӣ; г) табиати сарчашмаҳои ҳуқуқӣ ва усулҳои маънидодкунии онҳо; д) омилҳои идеологӣ. К. Свайгерт ва Х. Кётс дар асоси ин омилҳо ҳамаи низомҳои ҳуқуқии миллиро ба ҳашт оилаҳои ҳуқуқӣ гурӯҳбанди намудаанд: романӣ; олмонӣ; скандинавӣ; англо-амрикоӣ, ҳуқуқи сотсиалистӣ; ҳуқуқи Шарқи Дур; ҳуқуқи исломӣ; ҳуқуқи ҳиндуӣ [19, с. 107].

Яке аз кӯшишҳои муҳимтарин барои пешниҳоди шарҳи умумии низомҳои ҳуқуқӣ аз ҷониби Дж. Вигмор дар асари сеҷилдаи худ бо номи «Панорамаи низомҳои ҳуқуқии ҷаҳон» анҷом дода шудааст. Ӯ ҳамаи низомҳои ҳуқуқии таърихи ва муосирро ба шонздаҳ низомҳои ҳуқуқии асоси такя ба таърихи тамаддуни инсоният тақсим мекунад: мисрӣ, месопатамӣ, яҳудӣ, чинӣ, ҳиндуӣ, юнонӣ, римӣ, ҷопонӣ, мусулмонӣ, келтӣ, славянӣ, олмонӣ, баҳрӣ, калисои насронӣ, романӣ ва англиканӣ. Дар ин ҷо дарёфт намудани ягон асоси муайяни таснифот оид ба низомҳои ҳуқуқӣ хеле душвор аст. Аммо, асари Дж. Вигмор дорои

маълумоти васеи таърихи-ҳуқуқиро дошта муаллиф аз усуле, ки онро тасвирӣ меномад, васеъ истифода мебарад. Масалан, ҳангоми таҳқиқи ҳар як низомҳои ҳуқуқии асоси ӯ даҳҳо акси ёдгориҳои таърихии ҳуқуқӣ, биноҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, намояндагони соҳаҳои гуногуни (мутахассисони) ҳуқуқшиносиро нишон медиҳад. Дар охири ҷилди сеюм муаллиф харитаи низомҳои ҳуқуқии муосирро пешниҳод мекунад тасвир мекунад [3; 13, с. 174-175].

Дж. Вигмор боадолатона қайд мекунад, ки барои моҳиятан дарк намудани низомҳои ҳуқуқии муосир омӯзиши ин объекти таҳқиқот аз нигоҳи таърихӣ хеле муҳим мебошад. Ҳамчунин бояд қайд намуд, ки олими амрикоӣ дар асари худ яке аз аввалинҳо буд, ки на танҳо як низоми ҳуқуқии мушаххасро тасниф кард, балки инчунин доираи паҳншавии онро дар харитаи ҷаҳон нишон дода тавонист, ки асоси таҳкурсии илми ҳуқуқшиносии муқоисавиро ташкил медиҳад.

Таснифоти дигаре, ки аҳамияти илмиву амалии худро дорад аз ҷониби Ю. А. Тихомиров пешниҳод гардида ӯ меъёри таснифотро бо якчанд омилҳо муайян мекунад: тафриқаи қонунҳо бо хусусиятҳои ба худ хос; ташаккулёбии таърихии низомҳои ҳуқуқӣ; сохтори сарчашмаҳои ҳуқуқ; таъсири меъёрҳои созмонҳои байналмилалӣ ва иттиҳодияҳои байнидавлатӣ. Такя ба ин омилҳо Ю. А. Тихомиров низомҳои ҳуқуқии романо-олмонӣ (континенталӣ); низоми ҳуқуқи умумӣ; ҳуқуқи сотсиалистӣ; низоми ҳуқуқии аврупои шимолӣ; ҳуқуқи латино-амрикоӣ; низомҳои ҳуқуқии динӣ-ахлоқӣ дошта, ки ба онҳо дохил мешаванд: ҳуқуқи мусулмонӣ; ҳуқуқи Шарқи дур ва ҳуқуқи африқоӣ, ҳамчунин низоми ҳуқуқи «кучманчӣ» («бодиянишин»-ро) алоҳида нишон медиҳад [16, с. 112-140]. Хусусияти фарқкунандаи консепсияи олими рус аз дигар олимон чунин пешниҳод мегардад, ки меъёрҳои созмонҳои байналмилалӣ ҳамчун махраҷи умумӣ, ҳамчун ченаки асоси ва ниҳоят ҳамчун суръатбахши ҳамгироии (ба ҳам наздикшавии) низомҳои ҳуқуқии миллӣ истифода мешаванд. Ҳамчунин олими рус дар таҳқиқоти худ ба ҷои истилоҳи «оилаи ҳуқуқӣ», «низоми ҳуқуқӣ»-ро истифода мебарад.

Олиме дигаре, ки аз давраи Иттиҳоди шӯравӣ то ба имрӯз таҳқиқотҳои илмии худро маҳз ба объекти асосии илми ҳуқуқшиносии муқоисавӣ, яъне таснифоти низомҳои ҳуқуқӣ бахшидааст, А. Х. Саидов мебошад. Ӯ чунин мешуморад, ки се маҷмӯи меъёрҳои ба ҳам алоқаманд барои муайян кардани оилаҳои ҳуқуқии асоси муҳиманд: таърихи ташаккулёбии низомҳои ҳуқуқӣ; низоми сарчашмаҳои ҳуқуқ; сохтори низоми ҳуқуқӣ: институтҳои асосии ҳуқуқ ва соҳаҳои ҳуқуқ. Ин таснифот имкон медиҳад, ки хусусиятҳои сифатан муайяни ин ё он оилаи ҳуқуқиро нишон диҳад. Ин меъёрҳо на танҳо барои тавсифи синхронӣ (аз нигоҳи муосир), балки барои таҳлили диахронии (аз нигоҳи таърихӣ) оилаҳои ҳуқуқӣ низ ҳамчун ченаки таснифот хизмат мекунанд. Дар асоси ин меъёрҳои ба ҳам алоқаманд А. Х. Саидов оилаҳои ҳуқуқии зеринро муайян мекунад: ҳуқуқи умумӣ, романо-олмонӣ, скандинавӣ, лотини-амрикоӣ, сотсиалистӣ, мусулмонӣ, ҳиндуӣ, ҳуқуқи одатӣ ва Шарқи дур [14, с. 115-116].

Боз як чиро кайд намудан лозим аст, маҳз аҳамияти таҳқиқоти олими ватанӣ А. Ғ. Холиқзода, ки имрӯзҳо тавонистанд низоми ҳуқуқи зардуштиро аз нигоҳи таърихӣ-ҳуқуқӣ нишон диҳанд ба мавзӯи мо алоқамандии бевоситаеро доранд. Дар ин низоми ҳуқуқӣ қадимтарин китоби дини зардуштӣ – Авесто – ҳамчун сарчашмаи динӣ ва ҳуқуқие барраси шудааст, ки арзишҳои милливу фарҳангии мардуми Осиёи Марказӣ ва Эронро инъикос мекунад [17]. Имрӯзҳо пайравони дини зардуштӣ бо шумораи нисбатан кам дар давлатҳои Ҳиндустон, Эрон, ИМА, Канада, Покистон, Афғонистон, Ӯзбекистон, Тоҷикистон ва дигар давлатҳо зиндагӣ мекунанд.

Дар натиҷаи таҳлил ва омӯзиши афкори олимони-ҳуқуқшинос мо низ барои гурӯҳбандии низомҳои ҳуқуқии давлатҳои гуногун ба оилаҳои ҳуқуқӣ, якчанд меъёрҳои таснифотро пешниҳод намудем: 1) умумияти таърихи, ки дар таносуби пайдоиш ва

инкишофи низомҳои ҳуқуқӣ ифода меёбанд; 2) шаклҳои умумии ифодаёбии меъёрҳои ҳуқуқ; 3) таносуб дар сохтори низомҳои ҳуқуқӣ; 4) умумият ва бартарияти (ҳукмфармоии) принсипҳои идеологӣ, ки принсипҳои асосии танзими муносибатҳои ҷамъиятиро муайян мекунанд; 5) ягонагии категорияҳо ва мафҳумҳои ҳуқуқӣ, инчунин усулҳои пешниҳод ва мураттабсозии (систематизатсияи) меъёрҳои ҳуқуқӣ [4, с. 40-41].

Ҳангоми баён намудани ин меъёрҳои таснифот мо чунин оилаҳои ҳуқуқӣ ва низомҳои ҳуқуқиро пешниҳод намудем: романо-олмонӣ (давлатҳои Аврупои континенталӣ, Амрикои лотинӣ, Осиёи Марказӣ, баъзе давлатҳои Африқо), англосаксонӣ (ҳуқуқи умумӣ)[1] (Англия, ИМА, Канада, Австралия, Зеландияи нав ва диг.), сотсиалистӣ (Хитой, Ветнам, Кореяи Шимолӣ ва Куба) мусулмонӣ (Арабистони Саудӣ, Иттиҳоди Аморати араб, Қувайт, Яман, Сурия ва диг.), ҳиндуӣ (Ҳиндустон, Бирма, Сингапур, Бангладеш, соҳили шарқии Африко – асосан Кения, Танзания, Уганда), Шарқи дур (Хитой, Ҷопон, Ҷумҳурии Корея, Лаос, Тайланд ва диг.), одатӣ (анъанавӣ) (Африқои экваторӣ ва Мадагаскар) ва низомҳои ҳуқуқии скандинавӣ (шимолӣ), лотини-амрикоӣ ва низомҳои ҳуқуқии омехта.

Барои чӣ ҳангоми таснифот як қисми онҳоро оилаҳои ҳуқуқӣ номидем ва қисми дигарашро низомҳои ҳуқуқӣ, зеро ки оилаҳои ҳуқуқӣ мустақиланд ва ҳар яки онҳо таърихи ташаккулёби, нишона, сохтори таркиби ва сарчашмаҳои ҳуқуқ, таҷрибаи қонунгузорӣ ва дигар хусусиятҳои худро доранд. Дар низомҳои ҳуқуқӣ низ баъзе аз ин нишонаҳои номбурда дида мешаванд, лекин онҳо ҳангоми истифодаи сарчашмаҳои ҳуқуқӣ, танзими қонунгузорӣ ва идеологияи ҳуқуқӣ ба ин ё он оилаи ҳуқуқӣ иқтибос мекунанд (аз онҳо замима мегиранд), бо дигар мазмун байни ин ё он оилаи ҳуқуқӣ меистанд, ё ин ки шохаи алоҳидаи оилаи ҳуқуқиро ташкил медиҳанд. Масалан, низоми ҳуқуқии давлатҳои Амрикои лотинӣ пас аз ба даст овардани истиқлолият барои модели ҳуқуқи хусусӣ ба Аврупои континенталӣ муроҷиат карданд (кодекси граждании Наполеон аз соли 1804 ба давлатҳои Гаити, Боливия, Чили, Аргентина ҳамчун намуна баромад кардааст). Модели ҳуқуқи оммавӣ бошад аз ИМА замима гирифтааст, ба монанди ҳуқуқи конститутсионӣ, яъне шакли идоракунии ҷумҳурии президентӣ, тартиби таъсиси ҳокимияти қонунгузорӣ ва дигар институтҳои конститутсионӣ, ки бо ин нишонаҳои худ яке аз шохаи оилаи ҳуқуқи романо-олмониро ташкил медиҳад.

Ба низоми ҳуқуқии давлатҳои Скандинавия Шветсия, Норвегия, Дания, Исландия ва Финляндия дохил мешаванд. Олими ҳуқуқшинос Ф. Шмидт ҳамин мавқеъро дастгирӣ мекунад, ки «ҳуқуқи континенталии Аврупо дар муқоиса бо низоми ҳуқуқи скандинавӣ нисбатан догматикӣ, дар ҳолате, ки ҳуқуқи англо-амрикоӣ нисбатан прагматикӣ аст» [15, с. 122]. Аз сабаби он ки дар ин давлатҳо ба сифати сарчашмаҳои ҳуқуқ дар як вақт ҳам санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва амсоли судӣ баромад мекунанд, онҳоро байни оилаҳои ҳуқуқи романо-олмонӣ ва ҳуқуқи англосаксонӣ мегузоранд.

Ҳамчунин мақоми махсусро давлатҳое, ки низомҳои ҳуқуқи омехтаро доранд, ташкил медиҳанд. Хусусияти низомҳои ҳуқуқии омехта дар он аст, ки онҳо унсурҳои оилаи ҳуқуқи романо-олмонӣ бо унсурҳои оилаи ҳуқуқи англосаксонӣ, динӣ ва ҳатто одатӣ (анъанавӣ)-ро ба ҳам муттаҳид мекунанд. Низомҳои ҳуқуқии омехта аксар вақт дар давлатҳое пайдо мешаванд, ки аҳолии онҳо аз халқияту миллатҳои гуногун иборат буда

[1] Дар китобҳои дарсӣ оид ба ҳуқуқшиносии муқоисавӣ ва назарияи давлат ва ҳуқуқ, ин оилаи ҳуқуқӣ бо се маъно зикр шудааст: «англосаксонӣ», ки таърихан бо забти Британия дар асри V аз ҷониби қабилаҳои англосаксҳо алоқаманд аст; «ҳуқуқи умумӣ», ки дар натиҷаи забти гертсоги Нормандия Вилгелм (соли 1066) инкишоф ёфтааст; «англо-амрикоӣ», ки пас аз қабули Конститутсияи ИМА (соли 1787) ташаккул ёфта аз ҳуқуқи Англия замима гирифтааст.

таъсири фарҳангу сарчашмаҳои ҳуқуқии гуногун дар онҳо мушоҳида карда мешавад. Ҳамчунин давлатҳое, ки марҳилаи мустамликавиро аз сар гузаронида баъд аз ба даст овардани соҳибихтиёрӣ дар низоми қонунгузории худ якҷоя бо ҳуқуқи анъанавӣ баъзе аз институтҳои ҳуқуқи мустамликавиро нигоҳ доштаанд. Масалан, баъзе аз давлатҳое, ки низомҳои ҳуқуқии омехтаро доранд: Шотландия – унсурҳои ҳуқуқи одатии Шотландия ва ҳуқуқи умумии англисиро муттаҳид мекунад; Ҷумҳурии Африқои Ҷанубӣ – таъсири ҳуқуқи ҳолландӣ, англисӣ ва африқоӣ; Ҳиндустон – синтези ҳуқуқи умумии англисӣ ва меъёрҳои диниву одатии ҳуқуқи ҳиндуӣ; Исроил – унсурҳои ҳуқуқи романо-олмонӣ, англосаксонӣ ва ҳуқуқи яҳудӣ якҷоя амал мекунанд.

Дар охир бояд қайд намуд, ки ақидаи объективона дар таҳқиқоти илми компаративистикаи муосир андешаи М. Н. Марченко аст, ки «дар асл таснифоти пурраи низомҳои ҳуҳуқӣ вуҷуд надорад ва буда ҳам наметавонад; ҳар як оилаи ҳуқуқие, ки пайдо мешавад, ногузир хусусияти нисбӣ хоҳад дошт» [8, с. 453]. Ин нисбият дар мавҷуд будани соҳаҳои муайяни ҳуқуқ ва институтҳо дар дохили низоми ҳуқуқӣ мебошад, ки метавонад дар таркиби дигар низомҳо ё оилаҳои ҳуқуқӣ тасниф карда шавад, ё ин ки тартиби амалишавии ба худ хосро дошта бошад. Ҳамчунин дар мақолаи зерин мо ҳаракат намудем, ки аз рӯи ақидаи олимон истилоҳотҳоро айнан нишон диҳем, яъне аз рӯи консепсияи олимон берун набароем, зеро ки баъзе олимон истилоҳи оилаи ҳуқуқи романо-олмониро истифода мебаранд, дигар муттафакир низоми ҳуқуқи континенталӣ, ҳамчунин оилаи ҳуқуқи англосаксонӣ, ё ин ки низоми ҳуқуқи англо-амрикоиро истифода мебаранд.

Ҳамин тавр консепсияи олимонро оид ба таснифоти низомҳои ҳуқуқии муосир таҳлил намуда чунин хулоса ва пешниҳодҳои худро баён кардан мумкин аст:

1. Дар илми ватани оид ба илми ҳуқуқшиносии муқоисавӣ китоби дарсӣ дар мазмуни томаш (пуррааш) мавҷуд нест. Дастурҳои таълимӣ аз ҷониби омӯзгорони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон омода гардидаанд, лекин онҳо ба пуррагиаш ҷабҳаҳои гуногуни низомҳои ҳуқуқӣ ва оилаҳои ҳуқуқиро кушода намедиҳанд. Бинобар ин вазифаи аввалиндараҷаи мо пешкаш намудани маълумоти муфассал оид ба таснифоти мусоири низомҳои ҳуқуқӣ мебошад. Таҳқиқоти мо ба донишҷӯёни факултетҳои ҳуқуқшиносӣ, омӯзгорон ва олимони соҳаи ҳуқуқшиносӣ хеле муҳим буда имкон медиҳад, ки ҳангоми омӯзонидани донишҷӯён дар курси якум бо илми назарияи давлат ва ҳуқуқ, таърихи давлат ва ҳуқуқи мамлакатҳои хориҷӣ ва дар курсҳои болои бо илмҳои ҳуқуқшиносии муқоисавӣ, ҳуқуқи конститутсионии мамлакатҳои хориҷӣ ва ҳуқуқи байналмилалӣ ҷабҳаҳои гуногуни таснифоти низомҳои ҳуқуқиро баён намудан мувофиқи мақсад мебошад.

2. Ҳар як низоми ҳуқуқӣ беҳамто аст, аммо ҳуқуқшиносии муқоисавӣ ба мо имкон медиҳад, ки дар асоси нишон додани таносуб ва тафовутии онҳо типологияи низомҳои ҳуқуқӣ таҳия карда мешавад. Типологияи низомҳои ҳуқуқӣ дар асоси хусусиятҳои мушаххаси ҷуғрофӣ, миллӣ-таърихӣ, динӣ, махсуси ҳуқуқӣ ва дигар хусусиятҳо анҷом дода мешавад, ки дар натиҷа оилаи ҳуқуқӣ ташаккул ёфта ҳамчун объекти асосии илми компаративистикаи ҳуқуқӣ баромад мекунад.

3. Гарчанде аҳамияти таъсири тамаддуни Ғарб ва ҳуқуқи байналмилалӣ дар тақвияти мақоми сиёсӣ-ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодии бисёр давлатҳоро инкор кардан ғайриимкон аст, лекин бо вуҷуди ин низоми ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқии миллӣ бояд ҳифз карда шаванд. Бо ҳамин замина дар ташаккулёбии низоми ҳуқуқии давлати ҷудогона на танҳо асосҳои қонунгузорӣ нақши аввалиндараҷаро доранд, балки меъёрҳои динӣ, урфу одатҳо, анъанаҳои миллӣ, назари сиёсӣ ва ҳуқуқии мутафаккирон (доктринаи ҳуқуқӣ), амсоли судӣ ва дигар ҷанбаҳо низ афзалият ва нақши муҳим доранд.

***ПАЙНАВИШТ:***


1. *Алексеев, С. С. Право и правовая система / С. С. Алексеев. // Правоведение. - 1980. - № 1. – С. 27-34.*
2. *Ансель, М. Методологические проблемы сравнительного права // Очерки сравнительного права / Отв. ред. В. А. Туманов. - Москва, 1981. – С. 37–71.*
3. *Wigmore J. H. A Panorama of the World's Legal Systems. Seint Paul, 1928. Vol. 1-3.*
4. *Воситов, Х. А. Сравнительное правоведение в схемах и комментариях: учебное пособие / Х. А. Воситов; научный редактор Е. В. Хадыкина. – Хабаровск: Издательство ТОГУ, 2025. – 157 с.*
5. *Давид, Р., Жоффре-Спиноза, К. Основные правовые системы современности / пер. с фр. В.А. Туманова / Р. Давид. – Москва: Междунар. отношения, 2009. – 456 с.*
6. *Zaitay I. Bcitragc zur Rechtsvergleichung. Tubingen, 1976. 205 p.*
7. *Малько, А. В. Теория государства и права: / А. В. Малько. – Москва: Юристъ, 2007. – 304 с.*
8. *Марченко, М. Н. Курс сравнительного правоведения: учебное пособие для студентов вузов, обучающихся по специальности «Юриспруденция» / М. Н. Марченко. – Москва: Городец, 2002. – 1087 с.*
9. *Матузов Н. И. Правовая система развитого социалистического общества // Советское государство и право. - 1983. – № 1. – С. 18-26.*
10. *Муромцев Г. И. Основные правовые системы прошлого и современности / в кн. Проблемы общей теории права и государства / Под общ. ред. В. С. Нерсесянца. – Москва: Норма, 2002. – 832 с.*
11. *Правовая система социализма: в 2 книгах / ред. кол.: Кудрявцев В.Н. и др.; Ин-т государства и права АН СССР Кн. 1. – Москва, 1986. – 366 с.*
12. *Рассказов Л. П. К вопросу о критериях классификации правовых систем: цивилизованный подход. Тенденции сближения правовых семей в условиях глобализации // Научный журнал КубГАУ. - 2015. - № 111. – С. 134–150.*
13. *Саидов, А. Х. Сравнительное правоведение: академический учебник / А. Х. Саидов. – Москва: Норма: ИНФРА-М, 2020. – 320 с.*
14. *Саидов, А. Х. Сравнительное правоведение (Основные правовые системы современности): учебник / А. Х. Саидов; под ред. В. А. Туманова – Москва: Юристъ, 2003. – 448 с.*
15. *Schmidt F. Constitution of Statutes // Scandinavian studies in law. 1957: Vol.1 / Ed. by Folke Schmidt; Publ. under the auspices of the Faculty of law, Stockholm Univ.. – Stockholm: Almqvist & Wiksell, 1957. – 198 p.*
16. *Тихомиров, Ю. А. Курс сравнительного правоведения / Ю. А. Тихомиров. – Москва: Норма, 1996. – 427 с.*
17. *Халиков, А. Г. Правовая система зороастризма: дис. ... д-ра юрид. наук: 12.00.01 / Халиков Абдурахим Гафорович. – Душанбе, 2004. – 421 с.*
18. *Ҳасанов, С. Ҳ. Назарияи давлат ва ҳуқуқ. Китоби дарсӣ / С. Ҳ. Ҳасанов, М. С. Ҳасанов. – Душанбе: Илм, 2017. – 496 с.*
19. *Цвайгерт, К. Введение в сравнительное правоведение в сфере частного права / К. Цвайгерт, Х. Кётц. – Москва: Междунар. отношения, 1998. – Т. 1. – 478 с.*


***REFERENCES:***


1. *Alekseev, S. S. Law and the Legal System / S. S. Alekseev. // Jurisprudence. 1980. - No. 1. – PP. 27-34.*
2. *Ansel, M. Methodological Problems of Comparative Law // Essays on Comparative Law / Ed. V. A. Tumanov. Moscow, 1981. – PP. 37–71.*
3. *Wigmore J. H. A Panorama of the World's Legal Systems. Saint Paul, 1928. Vol. 1-3.*

4. *Vositov, Kh. A. Comparative Law in Diagrams and Commentaries: A Textbook / Kh. A. Vositov; Scientific Editor E. V. Khadykina. – Khabarovsk: Pacific National University Publishing House, 2025. – 157 pp.*
5. *David, R., Joffre-Spinoza, K. The Main Legal Systems of Our Time / translated from French by V. A. Tumanova / R. David. – Moscow: International Relations, 2009. – 456 pp.*
6. *Zaitay I. Bcitragc zur Rechtsvergleichung. Tubingen, 1976. 205 pp.*
7. *Malko, A. V. Theory of State and Law: / A. V. Malko. – Moscow: Yurist, 2007. – 304 pp.*
8. *Marchenko, M. N. Course in Comparative Law: a textbook for university students majoring in Jurisprudence / M. N. Marchenko. – Moscow: Gorodets, 2002. – 1087 pp.*
9. *Matuzov, N. I. "The Legal System of a Developed Socialist Society". Soviet State and Law. 1983, no. 1, PP. 18–26.*
10. *Muromtsev, G. I. "The Main Legal Systems of the Past and Present." Ed. by V. S. Nersesyants. Moscow: Norma, 2002, 832 pp.*
11. *The Legal System of Socialism: in 2 books. Ed. by V. N. Kudryavtsev, et al.; Institute of State and Law, USSR Academy of Sciences, Vol. 1, Moscow, 1986, 366 pp.*
12. *Rasskazov, L. P. "On the Criteria for Classifying Legal Systems: A Civilized Approach." Trends in the Convergence of Legal Families in the Context of Globalization. Scientific Journal of KubSAU. 2015. No. 111. – PP. 134–150.*
13. *Saidov, A. Kh. Comparative Law: academic textbook / A. Kh. Saidov. – Moscow: Norma: INFRA-M, 2020. – 320 pp.*
14. *Saidov, A. Kh. Comparative Law (Main Legal Systems of Our Time): textbook / A. Kh. Saidov; edited by V. A. Tumanov – Moscow: Yurist, 2003. – 448 pp.*
15. *Schmidt F. Constitution of Statutes // Scandinavian studies in law. 1957: Vol. 1 / Ed. by Folke Schmidt; Publ. under the auspices of the Faculty of Law, Stockholm Univ. — Stockholm : Almqvist & Wiksell, 1957. – 198 pp.*
16. *Tikhomirov, Yu. A. Course in Comparative Law / Yu. A. Tikhomirov. – Moscow : Norma, 1996. – 427 pp.*
17. *Khalikov, A. G. Legal System of Zoroastrianism: Dis. ... Doctor of Law: 12.00.01 / Khalikov Abdurakhim Gaforovich. – Dushanbe, 2004. – 421 pp.*
18. *Hasanov, S. H. Theory of State and Law. Textbook / S. H. Hasanov, M. S. Hasanov. – Dushanbe: Ilm, 2017. – 496 pp.*
19. *Zweigert, K. Introduction to Comparative Law in the Sphere of Private Law / K. Zweigert, H. Koetz. – Moscow: International Relations, 1998. – Vol. 1. – 478 pp.*